## ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба кори диссертатсионии Исматуллои Сунъатулло дар мавзуи "Таъсири омилҳои миллию этникӣ ба равандҳои сиёсии Шарқи анъанавӣ (таҷрибаи Афғонистон)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ**

Дар низоми сиёсии олами муосир Афғонистон бо ҳамин мушкилот, муқовиматҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ва фардиаш мақоми хосаеро касб намудааст. Солҳои зиёдест, ки ҷанги шаҳрвандӣ идома дорад. Он ҳамчун монеаи асосии инкишофи кишвар аҳолиро ба таври сартосарӣ ба мушкилоти мухталиф рӯ ба рӯ гардонидааст. Ҳаёти сиёсии Афғонистон ҳамчун давлат дар тӯли асрҳо қариб давраи оромӣ ва инкишофи муътадилро ёд надорад. Аммо мураккабӣ ва моҷарогароӣ бештар аз солҳои 70-уми асри XX хосияти тезутунд ва оштинопазир пайдо намудааст. Неруҳои гуногуну зиёде ташаккул ёфта, ҳокимияти давлатӣ, ба он расидан ва ғасби онро ҳамчун ҳадафи асосии фаъолияти худ медонанд. Неруҳои сиёсии Афғонистон дар сатҳ ва шакли канора зуҳур мегарданд. Дар кишвар ҳам неруҳои демократии муттасил ва ҳам неруҳои равияҳои дигару баҳамзидро пайдо намудан чандон мушкилӣ надорад. Яке аз онҳо агар хосияти радикалӣ дошта бошад, дигаре доимо дар бораи ҷомеаи маданӣ гуфтугузор менамояд. Яке агар неруи қонунманд бошад, дигар ҳеҷ гуна низомро ба эътибор намегирад.

Дар байни неруҳои сиёсии Афғонистон мақоми пешбар ва барҷастаро ҳизбҳои сиёсӣ пайдо намудаанд. Онҳо, ки дар сатҳ ва шаклҳои гуногун фаъолият менамоянд дар доираи арзишҳои гуногуни идеологӣ фаъолият намуда, самтҳои мухталифи инкишофро соҳиб гардидаанд. Ҳизбҳои сиёсии Афғонистон гуногунчеҳра ва гуногунҷабҳа буда, доираи мухталифи одамон ва электорати хосаро пайдо намудаанд. Онҳо иштирокчиёни бевосита, пайваста дошта, низоми намояндагии махсусро ташаккул додаанд. Дар бештари мавридҳо ҳаракатҳо ва ташкилотҳои сиёсӣ дар заминаи асосҳо ва муносибатҳои миллию этникӣ ташаккул ёфта дар доираи манфиатҳои ҳамин гуна умумиятҳои иҷтимоӣ фаъолият менамоянд. Манфиатҳои миллию этникӣ

дар ҳаёти ҷамъиятии бештари кишварҳо ба таври анъанавӣ нақши муассир доранд. Онҳо асос ва заминаи воқеии системаи сиёсии кишварҳои мазкурро ташкил менамоянд.

Аз ин ҷост, ки рисолаи диссертатсионии Исматуллои Сунъатулло дар омӯзиши амиқи масъалаҳои таъсиррасонии омилҳои миллию этникӣ ба системаи сиёсии Афғонистон, дарёфти рӯовариҳои арзишию идеологӣ ва ахлоқии онҳо ва мақому ҷойгоҳи онҳо дар низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ ҷойгоҳи махсусе пайдо мекунанд.

Исматуллои Сунъатулло кӯшишҳои зиёде ба харҷ додааст, ки мақом ва нақши омилҳои миллию этникиро дар раванди сиёсии Афғонистон ва оқибатҳои инкишофи онро муайян намояд. Мақоми умумиятҳои гуногуни миллию этникиии Афғонистонро вобаста ба хусусиятҳои тарзи ҳаёти онҳо ва мақсаду мароми онҳо дар шароити Афғонистони муосир муайян намояд.

Ӯ кӯшидааст, ки асосҳо, захираҳо ва тамоюлҳои асосии инкишофи умумиятҳои гуногуни миллию этникиии Афғонистонро вобаста ба вазъияти сиёсӣ ва ҳолати тағйирпазирии онҳо нишон диҳад. Мақоми қавмҳо ва халқиятҳои кишварро дар низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ муайян намояд. Барои аз ҳолати муқовимат тавассути мавқеъгирӣ ва ҷойгоҳи умумиятҳои миллию этникӣ раҳоӣ ёфтани Афгонистон пешниҳодоти мушаххас ва тарҳҳои хосае ба миён гузорад. Ӯ таваҷҷуҳи бештарро ба сӯи мақом ва ҷойгоҳи умумиятҳои миллию этникӣ дар раванди ташаккул ва таҳкими ваҳдати миллӣ кашида, манбаъҳо ва тарҳҳои фаъол гардидани қавмҳо ва халқҳои Афғонистонро дар раванди сиёсӣ ва ҳалли масъалаҳои муқовиматбори он нишон додааст.

Таваҷҷуҳи Исматуллои Сунъатуллоро масъалаҳои асосӣ ва пешомади инкишофи умумиятҳои миллию этникӣ ва таъмини инкишофи муътадил ва оқибат, суботи сиёсӣ ба худ кашидаанд. Муаллиф ба натиҷаҳо ва хулосаҳои зарурӣ расидааст, ки дар раванди инкишофи ҳодисаҳо ва падидаҳои муҳими ҳаёти сиёсии Афғонистон ва кишварҳои ҳамсояи он мавриди истифода қарор хоҳанд гирифт. Зеро бисёре аз масъалаҳо хосияти

минтақавӣ дошта, методологияи ягонаи омӯзиш ва натиҷагириро талаб доранд.

Таҳлил ва натиҷагириҳои раванди сиёсии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, бахусус, пайвастҳои вазъияти сиёсӣ ва мақоми умумиятҳои миллию этникӣ имконият медиҳанд, ки роҳу воситаҳои беҳтари ҳалли масъалаҳои мубрам, таҳкими раванду ҳодисаҳо ва рушди муътадили кишвар пайдо гарданд.

Муаллиф тавонистааст, ки масъалаҳои асосии таҳқиқотро ба таври басанда ва зарурӣ дар сарсухани рисола асоснок намояд. Асосҳои методологӣ, навгониҳои рисола ва масъалаҳои барои дифоъ пешниҳодшударо ба таври барҷаста нишон дода, ҳолати истифодаи воқеии онҳоро муқаррар намояд. Дар се боби рисола онҳоро ба таври амиқ мавриди таҳлил ва хулосагириҳо қарор диҳад. Дар хулосаи рисола масъалаҳои матраҳшуда натиҷагирӣ ёфтаанд, ки аҳамияти муҳими назариявию методологӣ ва амалиро касб менамоянд.

Боби аввали рисола - "*Таҳқиқи масъалаҳои назариявӣ ва методологии таъсири омилҳои миллию этникӣ ба раванди сиёсии Афғонистон*" аз се қисмат таркиб ёфта, бештар масъалаҳои назариявию методологии омӯзиши таъсиррасониҳои қавмҳо ва халқҳои гуногуни кишварро фаро гирифтааст.

Дар боби мазкур ба вазъият ва муҳити инкишофи таърихии мақом ва ҷойгоҳи этникии мардуми Афғонистон, ҷойгоҳи ҳизбҳои сиёсӣ ва ташкилоту созмонҳои дигар дар танзим ва таҳкими мақоми умумиятҳои миллию этникӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир гардида, гузоришҳо ва масъалаҳои муҳимтарини инкишофи онҳо матраҳ мегарданд. Инчунин диққати асосӣ муносибатҳои моҳияти қавмию этникии ҳаракатҳои сиёсии муосири Афғонистон ва махсусан, ҷунбиши «Толибон» дода мешавад. Дар инкишофи таърихии Афғонистон муносибатҳои қавмию этникию мақоми хоса пайдо намуда, вобаста ба вазъияти сиёсӣ ва хусусиятҳои маконию замонӣ раванди хосаи таъсир ва рушдро пайдо намудаанд. Мақоми муайянкунандаро унсурҳои таркибии вазъияти сиёсӣ касб менамоянд. Шароити инкишофи ҳаёти сиёсӣ, яъне воқеияти инкишоф, теъдод ва ҳолати

рушди умумиятҳои миллию этникӣ ба сифати ҳам объект ва ҳам субъектҳои инкишофи Афғонистон ва низомҳои идораи он, хусусиятҳои маконии инкишоф, низоми пайдоиш ва инкишофи ҳизбҳои сиёсӣ, созмонҳои дигари ҷомеаи маданӣ ва рӯовариҳои арзишию идеологии онҳоро муайян намуда, самтҳои баъдинаи фаъолияти онҳоро мураттаб месозанд.

Инъикоси воқеияти ҷамъиятӣ ва махсусан, вазъияти сиёсии инкишофи мамлакат дар ҷаҳонбинӣ ва рӯҳи одамони одӣ ва муқаррарӣ тавассути унсурҳои гуногун аҳамияти муҳим пайдо менамоянд. Дар байни онҳо анъанаҳои сиёсӣ ва урфу одатҳо, хислатҳои этникию миллӣ, талабот, тахминҳо, эҳтимолиятҳо ва барномаҳо аҳамияти муҳим доранд. Хусусиятҳои мазкурро дар низоми инкишофи муосири Афғонистон қадр намуда, муаллиф тавонистааст, ки мақоми онҳоро дар раванди ҳалли масъалаҳои ҳаёти сиёсӣ нишон дода, ҷойгоҳи онҳоро дар таркиботи системаи сиёсӣ муқаррар намояд.

Раванди таъсис ва инкишофи ҳизбҳои сиёсӣ, махсусан, ҳолат ва андозагирии манфиатҳои қавмӣ аз ҷониби онҳо, бахусус, мавқеи сардорон ва роҳбарои ҳизбӣ дар шароити инкишофи муътадил дар нисбати инкишофи бӯҳронӣ, махсусан, дар шароити моҷарогароии рушд ба куллӣ фарқ менамоянд. Дар баробари дархост, имкониятҳо ва талаботҳои одамон авлавияти хонаводагӣ, қавмию этникӣ ва таъмини зиндагии сатҳи зарурӣ аҳамияти муҳимро касб менамоянд. Аз ин хотир, муаллиф ҳангоми баррасии масъалаҳои рушди ҳизбӣ, ки дар зери таъсири омилҳои миллию этникӣ қарор доранд ва онҳо то андозае вазъияти сиёсӣ инъикос менамоянд талаботу дархостҳои одамонро дар барномаҳои ҳизбӣ пайдо карданӣ мешаванд. Аз ин хотир, андешаи муаллиф дар бораи  одамон ҳамчун барандаи арзишҳои миллию этникӣ наметавонанд ба таври инфиродӣ ва ё ҳайати дар гурӯҳҳои хурд-хурд дар корҳои идораи кишвар саҳми зарурӣ дошта бошанд, аҳамияти муайянкунандагӣ ҳангоми муқаррар намудани тарзи муносибат ба таҳқиқи мақоми умумиятҳои миллию этникӣ дар низоми сиёсии инкишофро пайдо менамояд.

Муаллиф ба заминаҳои иҷтимоиву сиёсӣ ва идеологии пайдоиши мақом ва нақши умумиятҳои миллию этникӣ ва ҳолатҳои муассири таъсиррасониҳои онҳо ба ба раванди сиёсӣ таваҷҷуҳи хоса намудааст. Неруҳои сиёсӣ, ки дар як кишвар заминаҳои қавмию авлодӣ ва этникӣ доранд, барои дарёфти кудрати идории сиёсии ҷомеа, бахусус, хангоми пададаҳои мушаххаси сиёсӣ ихтилоф ва зиддиятҳои ҷузъиро ба канор гузошта, дар зери таъсири ғояи ягонаи ваҳдати миллӣ мехоҳанд муттаҳид гарданд. Онҳо ташкилоти муташаккилро таъсис медиҳанд, ки воситаи муҳимтарини ба қудрати сиёсӣ муваффақ гардидан аст.

Муаллиф таваҷҷуҳи хосаро ба масъалаи мақом ва нақши қавмии ҳаракатҳои сиёсии муосири Афғонистон дар мисоли ҳаракати иртиҷоии "Толибон" равона намудааст. Сабатҳо ва омилҳои ташаккул ва рушди ҳаракати мазкурро нишон додааст. Заминаҳо ва захираҳои қавмию этникии ҳаракати мазкурро мавриди омӯзиш қарор додааст.

Дар боби дуюми рисола – *"Таълимоти федерализм: ҷанбаҳои илмию назариявӣ ва амалии он дар шароити Афғонистон"* бештар масъалаҳои назариявию амалии низоми федералии давлатдории муосир ва таъсири муносибатҳои миллию этникӣ ба онро мавриди таваҷҷуҳ ва дархости таҳқиқи илмӣ қарор додааст. Инчунин дар боби мазкур ба андешаҳои гуногуни федераликунонӣ дар низоми давлатдории Афғонистон таваҷҷуҳ намуда, масъалаҳои гуногуни онро мавриди омӯзиш қарор додааст.

Масъалаи муносибат ба назария ва амалияи федерализм дар шароити кунунии Афғонистон дар сатҳи мухталиф қарор гирифта, ҳам ҷонибдорон ва мухолифони зиёде дорад. Гурӯҳи муҳаққиқон ба низоми федералӣ гузаштани сохти давлатии Афғонистонро роҳи муҳим ва демократии ба идоракунии самараноки сиёсӣ гузаштан меҳисобанд. Гурӯҳи дигар бошад рӯоварӣ ба сохти федеративии давлатдориро манбаъ ва сабаби нест намудани воқеияти миллию этникии кишвар дониста, онро ҳамчун хатои маҳз меҳисобанд. Федерализм, ки дар шароити Афғонистон дар доираи умумияти сершумори паштунҳо ба амал меояд ба мақом ва ҷойгоҳи

миллуту халқиятҳои дигар зарари ҷиддӣ мерасонад. Махсусан, ба эътибор нагирифтани арзишҳои маданию маънавӣ ва забонии онҳо дар назар аст.

Дар боби сеюми кори диссертатсионӣ – “*Масъалаҳо ва дурнамои танзими муносибатҳои этникӣ дар Афғонистон*“ диққати асосиро муаллиф ба масъалаҳои нақши тоҷикон дар равандҳои этникии Афғонистон, дурнамои ҳукмронии паштунҳо, таҳаввули нақши умумиятҳои миллию этникии дигар, аз ҷумла узбекон ва ҳазораҳо дар ҳаёти сиёсии кишвар равона намудааст.

Муносибатҳои миллию этникӣ дар Афғонистон, махсусан, дар даҳсолаҳои охир дучори мушкилоти зиёд гардидааст. Худи пайдоиш ва авҷ гирифтани ҷанги шаҳрвандӣ ҳам яке омилҳо ва ҳам натиҷаи он ба шумор меравад. Умумиятҳои мухталифи миллию этникиро дар шароити Афғонистон ва манфиатҳои онҳоро муқобили ҳам гузошта, онҳоро ба рақиб ва душмани ҳамдигар табдил додаанд. Аз ин ҷост, ки ҷанги шаҳрвандии Афғонистон беш аз пеш хосияти этникӣ пайдо менамуд. Умумиятҳои миллию этникӣ таърихан дар Афғонистон мақоми хосаеро касб намуда буданд. Дар рисола муаллиф тавонистааст, ки ҷойгоҳи тоҷикон ва мардуми ғайрипаштуни кишварро мавриди омӯзиш қарор дода, мақом ва нақши онҳоро дар низоми инкишофи моҷарогароии мамлакат муайян намояд.

Дар рисолаи диссертатсионӣ масъалаҳои пешомади инкишофи муносибатҳои байниҳамдигарии умумиятҳои миллию этникӣ мавриди таҳлили амиқ ва васеъ қарор гирифта, хулосаҳои мушаххас баён гардидаанд. Махсусан, ба муносибатҳои байниҳамдигарии тоҷикон ва мардуми паштун таваҷҷуҳи хоса баён гардидааст. Муносибатҳои байниҳамдигарии умумиятҳои миллию этникӣ дар самти сиёсати бузург ва сиёсати соҳавӣ тарҳрезӣ гардида, кӯшиш гардидааст, ки роҳу воситаҳои танзими онҳо нишон дода шавад.

Ҳангоми иншои рисолаи диссертатсионӣ ба масъалаҳои асосии инкишофи Афғонистон, пеш аз ҳама, пайвастҳо ва робитаҳои мутақобилаи вазъияти сиёсӣ ва низоми амали умумиятҳои иҷтимоӣ муносибати хосае

пеша мегардад, ки он имконият медиҳад ҳолатҳои таҳқиқгардидаи пештари онҳо боз ҳам амиқ гарданд ва зиёда аз ин, ҳолатҳои мухталифи ҳаёти муосири кишвар муайян шаванд. Махсусиятҳои онҳо, ки такмил ва таҳкими тағйиротҳои сиёсиро инъикос менамоянд, ошкор шаванд.

Дар рисолаи диссертатсионӣ аз мавқеи илмҳои сиёсӣ чараёни инкишофи равандҳои сиёсӣ ва махсусияти онҳо дар шароити Афғонистони навин мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Аз ин хотир, методологияи тадқиқу таҳлили онҳо, моҳияти ичтимоии онҳо, махсусияти зоҳиршавӣ ва омилҳои асосии таъсиррасонии онҳо мавриди омӯзиш қарор дода мешаванд.

Муаллифи рисола аҳамияти сиёсию илмии мавзуи интихобгардида, зарурати аз ҷиҳати назариявию методологӣ ва сиёсию амалӣ таҳқиқи онро нишон додааст. Махсусан, истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот дар шароити Афғонистони кунунӣ аҳамияти барҷаста пайдо менамоянд.

Баҳсу мубоҳисаҳои илмӣ дар мавриди масъалаҳои вазъияти сиёсӣ ва фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ, ҷустуҷӯ ва дарёфти масъалаҳои мустакили таҳқиқоти хеш, таҳлили мафҳумҳои зиёду мухталиф, истилоҳот ва қонуниятҳо, муайян намудани дастгоҳи мафҳумӣ, ки бевосита ба масъалаҳои инкишофи Афғонистони имрӯз шомиланд, хусусиятҳои асосии кори диссертатсиониро ташкил медиҳанд. Муаллиф теъдоди зиёди таълифот ва корҳои нашриро гардиши илмӣ додааст, ки масъалаҳои гуногуни инкишофи Афгонистонро ба доираи баҳси илмӣ дохил намудааст.

Муаллифи рисола дархостҳои худро мураттаб сохта, пешниҳодоти амалӣ ва пешбиниҳои илмиро дар мавриди масъалаҳои таҳқиқшаванда мушаххасан иброз намудааст. Ҳамаи ин шаҳодати он аст, ки ӯ сатҳи касбияти зарурӣ ва қобилият ба таҳқиқоти илмиро пайдо намудааст.

Рисола ба таври мантиқӣ баён ғардида, маводҳои таҳқиқотҳои илмӣ ба таври амиқ таҳлил гардида, натиҷаҳо хулосагирӣ шудаанд, хулосаҳои асосию муҳим пешниҳод гардидаанд, ки аҳамияти амалиро касб намудаанд.

Автореферат ва корҳои илмие, ки дар мавзуи таҳқиқот чоп гардидаанд мазмуни асосии кори диссертатсиониро инъикос менамоянд.

Исматуллои Сунъатулло аз худ дониши амиқ ва маҳорати истифодаи методҳои муосири таҳлилро нишон дода, қобилияти хосае барои гузаронидани таҳқиқоти мустақилонаи илмиро зоҳир намудааст. Диссертатсия кори илмию таснифотӣ буда, дар он дар асоси таҳқиқоти муаллиф ҳолатҳои назариявӣ таҳия гардидаанд. Навъи хоси ҳалли илмии масъала пешниҳод мегардад, ки онҳоро метавон ба сифати муваффақияти илмӣ, ки аҳамияти муҳими сиёсӣ ва иҷтимоӣ доранд, баҳогузорӣ намуд.

Ҳамин тавр, Исматуллои Сунъатулло рисолае бо усули хос, методологияи қавии пазируфта ва муносибати объективонае ба раванду ҳодисаҳои Афғонистон иншо намудааст. Истифодаи он ҳам барои Афғонистон ва ҳам барои кишварҳои дигари минтақа аҳамиятнок буда, дар дарки масъалаҳо ва дарёфти ҳалли онҳо аҳамияти муҳим пайдо менамояд.

Рисолаи диссертатсионӣ бо рӯзмаррагӣ ва навгониҳои худ фарқ намуда, ба талаботҳо оид ба диссертатсияҳо дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ буда, муаллифи он сазовори шарафёр гаштан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ мебошад.

Роҳбари илмӣ, доктори илмҳои
сиёсӣ, профессори кафедраи сиёсатшиносии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Зокиров Г.Н.

734025, ҶТ, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 17
gulmahmad.zokirov@mail.ru тел. 918 70 89 57

Имзои Г.Н. Зокировро тасдиқ мекунам.
Сардори идораи кадрҳо ва қисми махсуси ДМТ Э. Тавқиев

20.10.2022